# 4362 - Пас аз издивоҷ ба ному насаби шавҳар гузаштан

**савол**

Саҳифаи шуморо нигоҳ мекардам ва саволи рақами 2537-ро хондам, ки оиди ҳукми тағйир додани насаби зан сухан мекунад. Гуфтед, ки он ҳаром аст. Мехоҳам, ки агар битавонед, бар ин ҳукм далелҳоеро аз Қуръону ҳадис зикр намоед. Ташаккур.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ба назар мерасад, ки мақсади саволдиҳанда аз тағйир додани насаби зан, пас аз издивоҷ нисбат додани ӯ ба шавҳараш мебошад. Ин амал дар шариъат мамнӯъ ва ҳаром аст. Зеро барои ҳеҷ кас ҷоиз нест, ки худро ба ғайри падари худ нисбат диҳад, хоҳ мард бошад ё хоҳ зан.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

(ادْعُوهُمْ لِآبَائِهِمْ هُوَ أَقْسَطُ عِنْدَ اللَّهِ). (الأحزاب:5)

"Писархондагонро ба номи падаронашон бихонед, ки дар назди Аллоҳ мувофиқи инсоф аст". (Сураи Аҳзоб:5).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

"Касе, ки худро ба ғайри падараш нисбат диҳад, Аллоҳ ӯро лаънат кунад". Ривояти имом Аҳмад ва дигарон.

Аллоҳ таъоло донотар аст.